**Протоколи №21-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117 дар
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улузода

аз 20-уми июни соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқгардида, 16 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравад.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Ализода Ҳокимхон Сафолиён** дар мавзуи **“Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)”**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ – **Матробиён Саодатшо Қосимзода** ва узви комиссияи экспертӣ – **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна** сухан гуфтанд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Ализода Ҳокимхон Сафолиён** дар мавзуи **“Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров;

– **Раҳмон Наргис Шариф** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини директори Филиали Муассисаи давлатии автономии

таҳсилоти олии касбии “Донишгоҳи миллии тадқиқотии технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе”;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** тавсия дода мешавад;

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 25.09.2026, соати 9:00 муқаррар карда шавад.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.